**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ, доктори илмҳои филология, профессор Ҷамшедов Парвонахон оид ба диссертатсияи Қаххоров Шодимурод Рустамович зери унвони "Таҳлили луғавӣ-маъноии зарбулмасал ва мақол дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ**

Таҳқиқи муқоисавӣ-типологии забонҳо дар марҳилаи муосир ҳамаҷониба рушд ёфта, дар доираи фанҳои забоншиносии умумӣ яке аз мақомҳои пешсафро ишғол намудааст. Таваҷҷӯҳи афзуни забоншиносӣ нисбат ба таҳлили муқоисавии забонҳо, пеш аз ҳама, ба он вобаста аст, ки Л.Елмслев қайд кардааст: «Типологияи комили забоншиносӣ бузургтарин ва муҳимтарин вазифае мебошад, ки бояд онро забоншиносӣ ҳаллу фасл намояд. Дар ниҳояти амал, дар рисолати он саволе ба миён меояд, ки кадом сохторҳои забонӣ имконпазиранд ва кадомҳо имконнопазиранд ва бо кадом сабаб... Маҳз ва танҳо тавассути типология забоншиносӣ ба умумиятҳои бузургтарин рушд ёфта, ба илм табдил меёбад". Дар маҷмӯъ, зарурати таҳқиқи муқоисавии забонҳо бо он имкониятҳое, ки омӯзиши қиёсии забонҳо дар муайян намудани хусусиятҳои фаъолияти низоми забон ва унсурҳои инфиродии он пешниҳод мекунад, вобаста аст. Ҳамчун объекти таҳлил забоншиносии муқоисавӣ-типологӣ он масъалаҳоеро интихоб менамояд, ки дар забоншиносии муосир аз ҳама умда ва бартарӣ доранд. Забоншиносии типологӣ торафт ба таҳияи асосҳои назарияи ҳамаҷонибаи таҳлили муқоисавӣ-типологӣ мусоидат мекунад. Ташаккули илми мазкур аз осори муҳаққиқони барҷастаи асри XX, ба мисли Е.Д. Поливанов, Л.В. Шерба, АИ Мешанинов ва дигарон оғоз ёфтааст. Дар таҳқиқоти минбаъдаи самти мазкур дар осори В.Н. Ярсева, А.И. Смирнитский, В.А. Звегинтсева, В.Г. Гак ва дигарон масъалаҳои марбут ба усулҳо ва ҷанбаҳои татбиқи таҳлили муқоисавӣ-типологӣ, муҳимияти он барои назарияи умумии забон, таҳияи усулҳои ҳамаҷонибаи муайян сохтани ҷанбаҳои гуногуни омӯзиши воҳидҳои забонӣ таҳия гардида, системаҳои онҳо муайян карда мешаванд. Муқоисаи падидаҳои забонӣ дар забонҳои гуногун имкон медиҳад, ки моҳияти падидаи таҳқиқшаванда равшану возеҳ ифшо шавад, хусусият ва вижагии он ҳам дар ҷанбаи забонӣ ва ҳам дар ҷанбаи амалии нутқ ошкор карда шавад.

Забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ, ки дар доираи тадқиқот ба маърази муқоиса кашида шудаанд, робитаи генетикӣ дошта бошанд ҳам, аммо дар

марҳилаи муосири инкишофи худ онҳо ба чунин ҳолати ташаккули забонӣ расидаанд, ки аломатҳои фарққунандаи онҳо аз аломатҳои монандӣ афзунтаранд. Таҳқиқи муқоисавии онҳо дар марҳилаи муосир, пеш аз ҳама, ба муайян кардани равандҳо, қонуният ва низом, падидаву зуҳуротҳои хоси ҳар кадоме аз забонҳо тақозо менамояд.

Дар грамматикаи муқоисавии забонҳои мазкур аз ибтидои ташаккулёбии он ба омӯзиши масъалаҳои луғавии забонҳои муқоиса-шаванда таваҷҷӯҳи махсус зоҳир карда шудааст, гарчанде таҳқиқии ҷанбаҳои наҳвии ин забонҳо аҳамияти худро дар ҳеҷ маврид гум накардааст. Ҳамзамон ҷанбаи луғавии омӯзиши забонҳои муқоиса-шаванда, махсусан таҳлили луғавӣ-маъноии парема таваҷҷӯҳи махсуси муҳаққиқонро ба худ ҷалб намудааст.

**Мубрамияти тадқиқоти илмӣ**, пеш аз ҳама, дар он таҷассум меёбад, ки солҳои охир ба омӯзиши зарбулмасалу мақолҳо таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир карда мешавад, зеро онҳо хусусиятҳои фарҳанг ва асолати рушди таърихии ҳар як халқу миллатро ошкор месозанд. Бояд зикр намуд, ки тӯли солҳои охир паремиологҳо ба таҳқиқи мундариҷаи ғоявии зарбулмасал ва мақолҳо таваҷҷӯҳи бештар зоҳир намуда, ба омӯзиши мундариҷаи бадеӣ ва таҳлили луғавию маъноии онҳо, аз ҷумла тафсири муқоисавӣ-типологии масъалаи мазкур дар асоси маводи ду забони муқоисашаванда тоҷикӣ ва англисӣ аҳамияти камтар медиҳанд. Таҳқиқи масъалаи мазкур ба зарурати омӯзиши нисбатан амиқ ва қатъии хусусиятҳои луғавӣ ва маъноии зарбулмасал ва мақол ва муайян намудани таносуби муодилии онҳо дар забонҳои муқоисашуда вобаста аст.

**Навоварии илмии рисола** дар он аст, ки монандии англисии зарбулмасал ва мақол муқаррар карда шудааст, монандӣ ва фарқи онҳо дар забонҳои муқоисашаванда муқаррар карда шуданд; вижагиҳои зарбулмасал ва мақол муқаррар карда шуданд, муодили комил ва ҷузъии онҳо муқаррар карда шуданд; хусусиятҳои вазифавӣ ва маъноии зарбулмасал ва мақол дар забонҳои муқоисашаванда баррасӣ карда шуданд; масъалаи муродифоти зарбулмасал ва мақол ва меъёри байни муродиф ва гунанокии онҳо бо мисолҳои арзишманд нишон дода шудаанд; хусусиятхои луғавӣ-маъноии антоним дар ЗМ забони тоҷикӣ ва англисӣ баррасӣ карда шуданд.

**Арзиши назариявии пажӯҳиши** мазкур дар он ифода мегардад, ки иқдоми навини омӯзиши муқоисавӣ-типологӣ буда, барои ҳалли як қатор муаммоҳои зарбулмасал ва мақол такони хосе медиҳад. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ба омӯзиши минбаъдаи амиқи зарбулмасал ва мақол дар забонҳои муосири тоҷикӣ ва англисӣ, аз ҷумла, ба таҳлили луғавӣ, маъноӣ, хусусиятҳои муродифӣ, гунанокӣ ва антонимии онҳо мусоидат намоянд.

Гузашта аз ин, пажӯҳиш масъалаҳои хусусиятҳои тарҷумавии зарбулмасал ва мақолро баррасӣ менамояд, ки метавонад омили заминаи зарурии назариявӣ ва прагматикӣ гардад.

**Саҳми шахсии муаллифи** рисола дар он аст, ки ӯ бори аввал шумораи бешубҳа зиёди зарбулмасал ва мақолро дар ҳарду забон - тоҷикӣ ва англисӣ таҳлил намудааст, ки ин боиси интихоби мавзӯи тадқиқоти илмӣ гардида, хусусиятҳои умумӣ ва фарқкунандаи онҳоро дар забонҳои мазкур нишон дода шудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми рисола.** Диссертатсия аз феҳристи ихтисораҳо, муқаддима, се боб ва ҳашт фасл, понздаҳ зерфасл, хулоса ва феҳристи осори таҳқиқӣ иборат буда, мазмун ва муҳтавои пажӯҳиш дар ҳаҷми 174 саҳифаи чопи компютерӣ манзур мегардад.

**Боби нахустини** диссертатсия, ки "Асосҳои назариявии мувофиқати зарбулмасал ва мақол" унвон дорад, фарогири 4 фасл ва 2 зерфасл аст. тафсири зарбулмасал ва мақол, ки аз ҷумлаи маъмултарин воҳиди забон ба ҳисоб меравад, шарҳу тавзеҳ ёфтааст. Дар робита ба ин, ба сарчашмаҳои пайдоиши зарбулмасал ва мақол таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир карда мешавад. Муаллифи рисола қайд мекунад, ки пайдоиш ва сарчашмаҳои зарбулмасал ва мақол хеле гуногунанд ва бо хусусиятҳои хоси ташаккули таърихии забон, хусусияти миллии фарҳанг ва натиҷаҳои ҳамгироии он бо фарҳангҳои дигари ҷаҳон муайян карда мешаванд.

Гарчанде зарбулмасал ва мақол аз ҷониби шахс эҷод шаванд ҳам, бо мурури замон эҷодкор ва замони эҷоди онҳо аз байн меравад, зеро он дастоварди мардум мешавад. Дар он ҳикмат, дониш, тафаккури халқ ба таври муҷаз, мавзун ва хушобуранг таҷассум ёфтааст, ки беҳуда онро "дурдонаи андешаҳои халқ" унвон накардаанд. Ҳар як халқу миллат З/М-ҳои худро дошт ва дорад, ки дар онҳо таҷрибаи андӯхтаи чандинасраи халқ, вижагиҳои тарзи ҳаёту зиндагӣ, таърихи миллӣ ва амсоли инҳо таҷассум ёфтаанд.

Онҳо аз замонҳои хеле қадим реша гирифта, аслу таърихи бисёрасра доранд. Муаллифи рисола зарбулмасал ва мақолҳои англисиро ба аслӣ ва иқтибосӣ (асосан аз лотинӣ ва фаронсавӣ) тасниф намудааст. Дар робита бо ин, чунин сарчашмаҳои асосии пайдоиши зарбулмасал ва мақолҳои забони англисиро таъкид кардан лозим аст: эҷодиёти мардум, адабиёт, Инҷил, китобҳои муқаддас, иқтибос аз забонҳои ғайр ва инчунин эҷодиёти Шекспир.

Муаллифи рисола қайд мекунад, ки зарбулмасалҳои аслии англисӣ асосан аз фолклор (43%) ва манбаъҳои хаттӣ (18,5%) сарчашма гирифтаанд.

Онҳо дар фонди паремиологии забони муосири англисӣ ҷузъи миллӣ-фарҳангиро ташаккул медиҳанд. Бояд қайд кард, ки ҳиссаи зарбулмасалҳо дар забони англисии британӣ ва америкоӣ вобаста ба манбаи пайдоиш куллан фарқ мекунад. Ҳамин тариқ, агар зарбулмасалҳои англисӣ қариб 3 маротиба бештар аз эҷодиёти мардум сарчашма гиранд, зарбулмасалҳои америкоӣ тақрибан 20 маротиба аз сарчашмаҳои адабӣ сарчашма мегиранд.

Ҳамчунин дар ин фасл гуногуншаклии вазифа, тарзи услуб ва сарчашмаҳои З/М-ҳои забони англисӣ, инчунин оид ба забонҳое, ки боиси пайдоиши зарбулмасалҳои забони англисӣ гаштаанд, оид ба муаллифии З/М-ҳои адабии забони англисӣ сухан рафта, бо мисолҳо ва далелҳои возеҳу дақиқ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

**Боби дуюми** диссертатсия "**Таҳлили таркиби луғавии зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикӣ ва англисӣ**" номгузорӣ шуда, аз ду фасл ва даҳ зерфасл иборат буда, вожаҳои калидии З/М-ҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди тасниф ва таҳлил қарор гирифтаанд.

Фасли якум ба вожаҳои ифодагари моддиёт бахшида шуда, фарогири калимаҳое мебошанд, ки объектҳои мушаххасро дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти инсон ифода мекунанд. Муаллиф қайд мекунад, ки ба сифати ҷузъи асосии З/М дар забонҳои мавриди муқоиса калимаҳое, ки шахсро ифода мекунанд, хеле фаъоланд. Дар байни ин калимаҳо вожаи одам, мард, шахс, инсон - **man, human;** номҳои хоси одамон (антропонимҳо) - Исо, Мӯсо, Аҳмад, Музаффар, Рустам, Зайнаб, Луқмон, Юсуф, Сулаймон, Хисрав, Ширин, Лайлӣ, Маҷнун, Эшмат, Тошмат, Хӯҷалӣ, Алихӯҷа; **Jack, Jill;** мавзеъҳо, кӯҳҳо - Ҳиндустон, Қоф, Бадахшон; **Rome** ва ғ; ҷонишинҳо - ман-**I, ту-you,** ҳар-**every, each** ва ғ.; вожаҳои мансуб ба касб - карнайчӣ - **trumpeter,** кӯзагар - **potter,** деҳқон - **peasant,** кафшдӯз - **cobbler,** мулло - **mullah,** устод - **teacher,** сӯзангар - **tailor,** қассоб - **butcher,** табиб - **doctor;** исм шуда омадани сифат - кӯр - **blind,** танбал - **lazy,** якрав - **obstinate,** ҳарис - **covetous,** мумсик - **mean,** хасис - **greedy,** нодон - **stupid, silly,** кал - **bald** ва дигар вожаҳо, ки инсонро тавсиф менамоянд, дар ҳар ду забонҳои муқоисашаванда васеъ истифода мешавад.

Дар рисола муаллиф зарбулмасалу мақолҳоро ба чунинҳо гурӯҳҳо ҷудо кардааст: зарбулмасал ва мақолҳои аслӣ, зарбулмасалҳои огоҳ-кунанда, зарбулмасалҳои аломат, зарбулмасалҳои қаблан огоҳкунанда, зарбулмасалҳои ташреҳӣ, зарбулмасалҳои аналогия, зарбулмасалҳои муқаррарӣ. Муродиф ва гунанокии матнҳои зарбулмасал, тағйирёбии грамматикӣ ва ғ. муфассал баррасӣ карда шудаанд.

Дар умум, кори диссертатсионии Каххоров Шодимурод Рустамович тадқиқоти илмии ба итмом расида маҳсуб меёбад. Диссертатсия тадқиқоти мустақил ва дорои дурнамои илмӣ буда, бешубҳа, арзиши баланди назариявӣ ва амалӣ дорад.

Дар баробари ин баъзе камбудиҳо ва норасоиҳоро қайд кардан мумкин аст, ки асосан хусусияти техникӣ доранд.

1. Хатогиҳои имлоӣ мавҷуданд (саҳ. 43 автореферат ва ғ.)

2. Ҳаҷми бобҳо номутаносиб аст, зеро боби 1-ум аз 46 саҳифа иборат аст, аммо боби 2-юм зиёда аз 110 саҳифа аст.

3. Муаллифи таҳқиқот муносибати худро нисбат ба баъзе изҳорот ва истилоҳоте, ки ба ибораҳои илмӣ ворид шуда метавонанд, муайян накардааст (масалан, **таъбирот** ба ҷои **парема** дар забони тоҷикӣ, ки он асли арабӣ дорад).

Камбудӣ ва норасоиҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши диссертатсияро кам намекунанд. Дар маҷмӯъ, хулоса баровардан мумкин аст, ки кори диссертатсионии Каҳҳоров Шодимурод Рустамович зери унвони "Таҳлили луғавӣ-маъноии зарбулмасал ва мақол дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" дар сатҳи баланди илмию таҳқиқотӣ таълиф ёфта, таҳқиқоти ба анҷом расида аст ва ба талаботи пунктҳои 10,11,12,14 ва 16-и Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, № 505 «Тартиби додани дараҷахои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)» ҷавобгӯ аст. Мусаннифи он, Қаҳҳоров Шодимурод Рустамович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20. - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ арзанда аст.

Доктори илмҳои филология, профессори
кафедраи филологияи англис,
Муассисаи таҳсилоти олии байнидавлатии
Донишгоҳи Россия-Тоҷикистон (Славянӣ): Ҷамшедов П.

Суроға: 734025, ҶТ, ш. Душанбе,
кӯчаи Турсунзода 52, хуҷраи 16
Тел: +992 919002053
Email: pjam07@mail.ru

Имзои профессор Ҷамшедов Парвонахонро тасдиқ мекунам:
Сардори ШК ДРТС: Давлатов Х.Х.

Суроға: 734025, ҶТ, ш. Душанбе,
кӯчаи Турсунзода 30
Тел: +992 918634864
Email: amrokhon55@mail/ru

ОТДЕЛ КАДРОВ